# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ)**

Ба он далел, ки дар Афғонистон зиёда аз 48 % аҳолӣ тоҷиканд ва ин сарзамин бо таъриху фарҳанги мо марбут буда як ҷузъи он ба ҳисоб меравад, ҳамаша мадди назари муаррихону донишмандони Тоҷикистон қарор дошт ва дорад. Бешак, ҳама он равандҳои сиёсие, ки дар ин кишвар сурат гирифтанд ва мегиранд ба Тоҷикистон бевосита ва ё бавосита таъсиргузоранд. Бешак, имрӯз дар арсаи байналмилаӣ Тоҷикистон ягона кишваре ҳаст, ки дар бораи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тоҷикони Афғонистон садо баланд мекунад.

Чил сол аст, ки Афғонистон бо бозигарони ғайридавлатӣ, ки ба унвони сарчашмаи таҳдид ба низомҳои сиёсии ҷаҳони сеюм пайдо шудаанд ва бо неруҳои тағйирёбандаи хушунатомез ва сохторшикан рӯ ба рӯ мебошад. Ин сарчашмаҳои таҳдид ҳамвора бо таҳрику ҳимояи қудратҳои минтақавӣ ва фароминтақавӣ бар зидди Афғонистон амал намудаанд. Ин бозигарони ғайридавлатӣ, ҳарчанд ки ба унвони яке аз сабабҳои даргириҳо дар заминаи манфиатҳои қудратҳои бузург таъриф шудаанд, вале бо гузашти замон худашон мубаддал ба сабабе гардидаанд, ки дар ҳоли ҳозир ҳамчун манбаи таҳдидот ва ба унвони сабаби дигаре барои паёмадҳои навин бар зидди низомҳои сиёсӣ, амниятӣ ва иқтисодии Афғонистону кишварҳои минтақа арзи вуҷуд менамояд.

Дар раванди фурупошиҳои пайдарпай ва такроршавандаи низомҳои сиёсӣ дар Афғонистон ин кишвар дар моҳи августи соли 2021 як бори дигар шикаст ва сарнагунии низоми сиёсии хешро таҷриба кард, ки он ношӣ аз хуруҷи Амрико ва амдан ҷойгузинии ҷумҳурии исломӣ шудани аморати исломӣ буд.

Боназардошти ин, мавзуи таҳқиқотии Абдусаматов Бекбобо Бурихонович – «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» мубрам буда, дар заминаи сарчашмаҳои муътамад ва таҳлили адабиёти илмии марбут ба мавзуъ таҳлил гардидааст.

Муаллиф мақсади таҳқиқоти мазкурро дар омӯзиш ва инъикоси вазъи низомию сиёсӣ ва мушаххас намудани мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 ва паёмадҳои он барои минтақа мебинад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб иборат аст. Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ, сатҳи омӯзиш, тавсифи умумии кор (робитаи он бо барнома ва мавзӯҳои илмӣ), мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, доираи хронологӣ, асоси назариявӣ, пойгоҳи манбавӣ, навгониҳо, муқаррарот ва аҳамияти назариявиву амалии таҳқиқот оварда шудааст. Дар автореферат муҳтавои асосии диссертатсия бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ пекаш шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертасионӣ дар он зоҳир меёбад, ки диссертатсияи мазкур яке аз аввалин кӯшишҳо дар Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ҷиҳати таҳқиқи ҳамаҷониба ва назариявию амалии масъалаи вазъи низомӣ-сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозӣ дар солҳои 1992–2001 дар Афғонистон равона шудааст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия, дар хулосаҳо, баррасиҳои илмии муаллиф ва пешниҳодҳои ӯ дар заминаи истифодаи методҳои илмии мувофиқ ифода меёбанд. Асоси назариявию методологии таҳқиқотро назарияҳои бунёдии муносибатҳои байналхалқӣ, сиёсати хориҷӣ, геополитикӣ дар пажӯҳишҳои олимони таърихшиноси ватаниву хориҷӣ ва мутахассисони дигар мактабҳои илмӣ коркардшуда ташкил медиҳанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умумиилмии дарккунии назариявӣ ва эмпирикии зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ ва равандҳо мисли таҳлил, синтез, монандӣ, муқоисакунӣ, истиснокунӣ, хулосабарории назариявӣ, тасвиркунӣ истифода бурда шудааст.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Абдусаматов Бекбобо Бурихонович – «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷуҳурии Тоҷикистон, аз 26 – уми ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти пурра анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он Б.Б. Абдусаматов сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302- Таърихи умумӣ) мебошад.

**Номзади илмҳои таърих,**
**сармутахассиси фанни таърихи**
**Раёсати таҳияи маводи имтиҳони**
**Маркази миллии тестии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Зарифов Н.Ҳ.**

**Имзои Н.Ҳ.Зарифовро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва таъминоти**
**ҳуқуқии ММТНПҶТ** **Шаропова П. М.**

**Суроға: 372 24 5366 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 192,**
**Телефон: (+99237) 2 24 53 68, E-mail: office@ntc.tj**

13. 12. 2024